**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи: «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мундариҷа ва масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 15 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи мақоми ҳуқуқӣ ва конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳим ва ҳассоси ҳуқуқи инсон ва қонунгузории давлатӣ маҳсуб меёбад. Ин масъала дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри XX, ки сабаби вусъат гирифтани муҳоҷират ва гурезагии оммавӣ гардид, аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намуд. Баъди ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди надоштани таҷрибаи кофии миллӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо, кӯшиш ба харҷ дод, ки ба стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ гардад ва дар ин замина се маротиба қонунҳои соҳавӣ қабул намуд. Дар ин росто, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи асосии танзими ҳуқуқии мақоми гурезаҳо хидмат мекунанд. Бо дарназардошти густариши муҳоҷирати иҷборӣ, аз ҷумла аз кишварҳои ҳамҷавор, ба вижа Афғонистон, ки боиси афзоиши теъдоди гурезаҳо ва паноҳҷӯён дар Тоҷикистон гардидааст, мавзӯи таҳқиқи мақоми ҳуқуқии онҳо имрӯз бештар аз ҳар вақти дигар аҳаммияти амалӣ ва илмӣ пайдо

кардааст. Аз ин ҷиҳат, мавзӯи мазкур дорои заминаи бойи таърихӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ буда, таҳқиқ ва такмили он дар шароити имрӯза хеле саривақтӣ мебошад.

Вазъи ҳуқуқии конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст, ки асоси мақоми ҳуқуқии шахсро ташкил намуда, мавқеи ӯро дар ҷомеа ва давлат муайян месозад. Аммо мутобиқи қонунгузорӣ категорияи мақоми махсуси ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, ва гурезагон мувофиқ дониста шуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки вазифаҳои махсуси вогузоршударо иҷро кунанд.

Бояд тазаккур дод, ки мубрамияти мавзуи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама аз вазъи иҷтимоӣ ва геополитикии кишвар ва минтақа бармеояд. Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ худ бо ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардида, худаш манбаи тавлиди гурезаҳо буд ва имрӯз ба кишваре табдил ёфтааст, ки мавҷи гурезаҳои хориҷӣ, махсусан аз Афғонистони ноорომро қабул мекунад, зарурати таҳқиқи амиқи мақоми ҳуқуқӣ ва конститутсионии гурезаҳо дар фазои ҳуқуқии кишвар аҳаммияти хос пайдо мекунад. Ин масъала на танҳо дорои арзиши назариявӣ, балки бо ҳаёти воқеии ҳазорон нафар вобастагӣ дорад ва бетаъхир посух мехоҳад.

Хулоса, мавзуи таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ, балки аз ҷиҳати амаливу ҳуқуқӣ низ муҳим ва саривақтӣ мебошад. Маводи ҷамъоваришуда метавонад дар таҳияи сиёсати ҳуқуқии кишвар ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ин самт саҳми назаррас гузорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба мавзӯи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, дорои навгонии илмии баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Барои бори аввал дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар Тоҷикистон, мафҳуми «гуреза» ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи конститутсионӣ таҳлил ва асоснок карда шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки мафҳумҳои асосӣ, принсипҳо ва унсурҳои ташкилдиҳандаи мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро бо такя ба манбаъҳои миллии ҳуқуқ ва санадҳои байналмилалӣ таҳлил намояд.

Навгонӣ дар он ифода меёбад, ки: мафҳуми «вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гуреза» бо ҷанбаҳои мухталифи ҳуқуқҳои инсон ва кафолатҳои конститутсионӣ пайваст карда шудааст; тафсири нав ва мукаммали мафҳуми гуреза ва шахси паноҳҷӯ дар асоси принсипҳои

ҳуқуқи байналмилалӣ ва муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст; пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузории миллӣ, хусусан қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо», дар асоси таҳлили муфассали омилҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқшиносии амалкунандаи дохилӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд.

Ғайр аз ин, унсурҳои навоварию ташкилотӣ, мисли таъсиси Шӯрои Осиёи Марказӣ оид ба ʼгурезаҳо, баёнгари андешаи стратегӣ ва амалгароёнаи муаллиф дар масъалаи ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо дар сатҳи минтақавӣ мебошад.

Таҳқиқот инчунин тавонистааст, ки холигии назариявӣ ва амалии ҷойдоштаро дар соҳаи ҳуқуқи гурезаҳо дар Тоҷикистон пур кунад, ки ин ба эҳтиёҷи доимии кишвар дар муносибат бо масоили муҳоҷират ва гурезаҳо мутобиқ аст. Пешниҳодҳо барои ислоҳи моддаҳои мушаххаси Конститутсия ва қонунҳо бо асосҳои ҳуқуқии амиқ пешниҳод шудаанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ҷанбаҳои зикршуда, метавон гуфт, ки диссертатсия дорои дараҷаи баланди навгонӣ аст ва мавқеи хосаеро дар байни тадқиқоти илмии соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ишғол мекунад. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд ва метавонанд ҳамчун замина барои ислоҳ ва рушди минбаъдаи қонунгузории миллӣ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои асоснокии назариявӣ ва эътимоднокии амалӣ мебошанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия баёншуда бо такя ба таҳлили муфассал ва ҳамаҷонибаи манбаъҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои гуногун ва таҳқиқоти илмии муосир ба таври асоснок ва эътимоднок ифода ёфтаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот маҷмӯи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳа, шартномаҳои байналмилалӣ (аз ҷумла Конвенсияи СММ оид ба мақоми гурезаҳо), қарорҳои судии марбута, ва маводи доктриниро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳо дар натиҷаи: таҳлили муқоисавӣ ва системавии санадҳои ҳуқуқӣ; арзёбии фаҳмишҳои илмии муосир дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи байналмилалии инсон; мавридҳои мушаххаси амалияи татбиқи қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар; ва баррасии таҷрибаи байналмилалӣ дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо, баён шудаанд.

Ин тарзи таҳқиқ имкон дод, ки натиҷаҳо ба таври илмӣ асоснок ва аз ҷиҳати амалӣ татбиқшаванда бошанд. Ҳар як пешниҳод дар асоси мушкилоти воқеӣ ва бо такя ба зарурати беҳсозии заминаи ҳуқуқии мавҷуда таҳия гардида, ҷавобгӯйи талаботи илман собитшуда мебошад.

Аз ин рӯ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсионӣ эътимоднок буда, ба онҳо метавон ҳамчун ба заминаи боэътимоди илмӣ ва ҳуқуқӣ дар коркарди ислоҳоти қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират ва ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо такя кард.

Илова бар ин, тавсияҳо дар асоси муҳокимаи мушаххасоти низоми ҳуқуқӣ, идоравӣ ва судӣ таҳия гардида, бо дарназардошти талаботи қонун, таҷрибаи мавҷуда ва эҳтиёҷоти амалии назорати конститутсионӣ равона карда шудаанд. Аз ин ҷиҳат, онҳо метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, беҳсозии амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият мусоидат намоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 204 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, пешкаш гардидаанд. Маҳз ҳамин мушкилот мубрамӣ ва аҳаммияти илмии мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда, муайян гардидаанд.

**Боби якуми** асосҳои назариявии мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ медиҳад. Дар **зербоби аввал** мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо баррасӣ шуда, таъкид мешавад, ки гурезаҳо шахсони ниёзманди ҳимоя ва пуштибонӣ мебошанд, ки дар асоси қонунҳои миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мақоми махсус доранд. Аз ҷумла, дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои

соҳавӣ муаллиф қайд менамояд, ки «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқии шахс» мафҳумҳои якхела буда, бо мавҷудият ё набудани шаҳрвандӣ ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва манфиатҳои қонунии шахс муайян карда мешаванд. Бинобар ҳамин категорияи муайяншудаи ҷомеа дар асоси мақоми умумии конститутсионии шаҳрванд метавонанд ҳуқуқҳои иловагӣ, уҳдадориҳо, имтиёзҳое дошта бошанд, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ кардааст (саҳ. 27).

Дар ин қисмат ҳамчунин, муаллиф иброз медорад, ки аввалан, мақоми ҳуқуқии гуреза муваққатӣ аст. Дуюм, реторсия, ё худ иқдоми ҷавобӣ нисбати гурезаҳо татбиқ карда намешавад. Сеюм, чун қоида, барои ворид шудани шаҳрвандони хориҷӣ гирифтани ризоият дар намунаи раводид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст. Чорум, ин гуна шахсон имконияти аз ҳимояи дипломатӣ истифода бурданро надоранд (саҳ. 29-31).

**Зербоби дуюм** ба принсипҳо ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо бахшида шудааст, ки боиси таъмини ҳимояти ҳуқуқии онҳо мегарданд. Ин принсипҳо ва унсурҳо асоси ҳуқуқӣ ва назариявии таъйини мақоми гурезаҳоро ташкил медиҳанд ва барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти ҳимояи гурезаҳо муҳим мебошанд. Ин боб пойгоҳи назариявиро барои таҳқиқи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар Тоҷикистон ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо фароҳам меорад.

Дар заминаи далелҳои оварда, муаллиф чунин натиҷагирӣ намудааст, ки дар қ. 1, м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» қайд шудааст, ки «Шахсони паноҳҷӯянда, ки дар хусуси гуреза донистан дархост пешниҳод намудаанд, гуреза дониста шудаанд, мақоми гурезаро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, хилофи иродаи онҳо ба қаламрави давлате, ки дар он ба ҳаёт ё озодии онҳо бинобар нишонаҳои нажодӣ, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаҳои сиёсӣ хатари таъқиб таҳдид мекунад, баргардонида намешаванд». Бояд қайд намуд, ки қонунгузории соҳавии ҶТ доираи вазъи ҳуқуқии шахсонро хилофи иродаашон, ки мақоми гурезагиро аз даст додаанд ё аз мақоми гуреза маҳрум шудаанд, муайян накардааст. Дар ин ҳолат қонунгузор вазъи ҳуқуқии онҳоро номуайян мондааст. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки дар ин ҳолат ба шахсон ҳимояи муваққатӣ дода шавад ва ин ҳолат имконият медиҳад, ки дар моддаи 14 банди алоҳида дар муайян кардани вазъи ҳуқуқии ин категорияи шахсон ҳамчун ба нафарони ба ҳимояи муваққатӣ эҳтиёҷманд, муқаррар карда шавад (саҳ. 53-54).

Муаллиф бо такя ба таҳлили назариявӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ тавонистааст, ки асоснокии илмии масъала ва аҳаммияти амалии онро ба таври возеҳ нишон диҳад. Тарзи баёни масъала, мантиқи таҳқиқот, истифодаи манбаъҳои илмию ҳуқуқӣ ва тавсияи нуктаҳои баҳсбарангез, аз сатҳи баланди таҳқиқот дарак медиҳанд.

**Боби дуюми** кори илмӣ ба танзими ҳуқуқии вазъи гурезаҳо ва расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. **Зербоби аввал** санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллиро таҳлил мекунад, ки асосҳои ҳуқуқии ҳимоя ва танзими вазъи гурезаҳо дар кишварро муайян менамоянд. Тоҷикистон бо қабул ва татбиқи ин санадҳо кӯшиш мекунад, ки мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро дар доираи қонунгузории миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян ва ҳифз намояд.

Дар танзими мақоми ҳуқуқии гурезаҳо, ки як навъи шаҳрвандони хориҷӣ ба ҳисоб меравaнд, барои давлатҳои пазиранда як қатор муамморо ба миён овард. Инро ба инобат гирифта ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пайдо намудани роҳҳои ҳуқуқии ҳалли ин масъала, нахуст санадҳои зарурино дар ин самт қабул намуд. Дар чунин ҳолат талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароит барои ба ватан баргардонидани гурезагон, иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ба кишварҳои бехатар кӯчонидани гурезаҳо равона карда мешавад. Натиҷаи таҳлилҳо ба мо имконят дод, ки санадҳои ҳуқуқиро дар бахши танзими гурезаҳо ба тартиби зерин ҷудо намоем: танзими вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо; танзими вазъи ҳуқуқӣ-байналмилалии гурезагон; танзими вазъи ҳуқуқии гурезагон дар қонунгузории миллӣ.

**Зербоби дуюм** раванд ва тартиби расмии муайянсозии мақоми гурезаро дар Тоҷикистон шарҳ медиҳад, ки барои дастрасӣ ба ҳуқуқҳо ва имтиёзҳои қонунӣ зарур аст. Ин танзимот барои таъмини ҳимояи ҳуқуқии гурезаҳо ва татбиқи саривақтии ҳуқуқу озодиҳои онҳо нақши калидӣ дорад. Боби дуюм бо таъкид ба ҳамоҳангсозии санадҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқӣ заминаи амалии ҳифзи мақоми гурезаҳоро дар Тоҷикистон фароҳам меорад.

**Боби сеюм** масъалаҳои татбиқи амалии мақоми конститутсионӣ – гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунад. Дар **зербоби аввал** ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои гурезаҳо таҳлил гардида, ба ҳуқуқҳои онҳо ба макони зист, маориф, тиб ва дигар озодиҳои асосӣ таъкид мешавад. Ҳамзамон, уҳдадориҳои гурезаҳо, аз ҷумла, риояи қонунҳои қишвар ва иштирок дар ҳаёти ҷомеа низ фаро гирифта шудааст.

Дар **зербоби дуюм** масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, механизмҳои ҳуқуқӣ ва идоравӣ барои ҳимояи ин ҳуқуқҳо ва ҷавобгарии шахсоне, ки онҳоро нақз мекунанд, шарҳ дода мешавад. Ин боб амалӣ намудани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва таъмини ҳимояи воқеии гурезаҳоро дар Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар ҳошияи соҳибҳуқуқии гурезаҳо дар ҶТ метавон гуфт, ки он танҳо дар асоси қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад ва итоат ба ду тартиби ҳуқуқӣ, ҳамчун хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, ба онҳо паҳн карда намешаванд. Тибқи назари илми ҳуқуқшиносӣ ду гурӯҳи асосии ҳуқуқҳои гурезаҳо мавҷуданд: – ҳуқуқҳои моддӣ ва ҳуқуқҳои мурофиавӣ. Ба доираи ҳуқуқҳои моддӣ дохил мешаванд: озодии сухан, озодии виҷдон, интихоби ҷойи зист, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғ.

Хулоса боби мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ таҳлили амиқи масъалаҳои татбиқи амалии мақоми конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифта, ба таври муътамад масъалаҳои калидии ҳуқуқӣ, ташкиливу амалиро инъикос менамояд. Муаллиф тавонистааст, ки ҳам зарурат ва ҳам маҳдудиятҳои ҳуқуқии масъалаҳои татбиқи амалии мақоми конститутсиони гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон диҳад. Хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд барои такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ муфид бошанд.

**Хулоса** бо далелҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои илмӣ собит мекунад, ки масъалаи ҳуқуқи гурезаҳо дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба таври амиқ таҳқиқ шудааст. Муаллиф бо истифода аз таҳлили қонунҳои миллӣ, санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо бояд дар асоси принсипи инсондӯстӣ ва баробарӣ таъмин гарданд.

Муаллиф муносибати давлатро бо шахс – новобаста аз миллат, ҷинс, дин ё вазъи ҳуқуқӣ – ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии сиёсати ҳуқуқии давлат арзёбӣ намуда, ба таври возеҳ пешниҳод мекунад, ки Конститутсия ва қонунгузории марбута бояд бештар мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ такмил дода шаванд.

Бо ин роҳ, таҳқиқот на танҳо аҳамияти назариявӣ ва таълимӣ дорад, балки ҳамчун асоси амалии такмили қонунгузорӣ, хусусан қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», хидмат мекунад.

Хулоса аз 13 банди аҳамияти назариявӣ дошта ва 12 банди ба

такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад, ки баъзе аз онҳо дар навбати худ ба зербандҳо низ ҷудо мешаванд.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати такмили қонунгузории миллӣ пешниҳодҳо шудааст. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оиди вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Муҳтаво ва мавзуи диссертатсия таҳқиқоти амиқ ва муфассалро дар самти вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Аз нуқтаи назарии илмӣ, ин кор навоварӣ ва таҷдиди назарияҳои ҳуқуқӣ, инчунин, таҳкими фанни ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ мебошад. Муаллиф бо систематика ва таҳлили дақиқ мафҳумҳо ва механизмҳои ҳимояи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи қавӣ гузоштааст.

Дар самти амалӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва дигар субъектҳои ҳокимияти давлатӣ воситаҳои нави ҳуқуқӣ ва механизмҳои назоратиро пешниҳод мекунанд, ки метавонанд сифати таъмини ҳуқуқи гурезаҳоро баланд бардоранд ва равандҳои мурофиаҳои судиро боэътимод ва қонунманд созанд. Ин муҳим аст, зеро дар амалия истифодаи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ манбаи асосии ҳалли дуруст ва адолатмандии таъмини ҳуқуқ мебошад.

Ҳамчунин, аҳамияти иқтисодӣ дар ин таҳқиқот равшан аст: оптимизатсияи истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор ва назорати қатъӣ ба коҳиши хароҷот дар раванди таъмини ҳуқуқи гурезаҳо ва мурофиаҳои судӣ мусоидат мекунад. Ин раванд метавонад ба истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ва техникии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оварда расонад.

Дар доираи аҳамияти иҷтимоӣ, ин таҳқиқот боиси афзоиши эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба низоми адлия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мегардад. Танзими қонунӣ ва риояи қатъии меъёрҳо дар таъмини вазъи ҳуқуқии гурезаҳо таъсири мусбат ба суботи иҷтимоӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дорад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти аҳаммияти ҳамаҷониба – илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – барои рушди фанни ҳуқуқи конститутсионӣ ва дар умум барои рушди фанҳои ҳуқуқӣ ва такмили истифодаи меёрҳои дахлдор дар ин самт саҳми арзанда доранд ва метавонанд ҳамчун пойгоҳи устувори омӯзишӣ ва амалӣ дар оянда истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Бо мақсади арзёбии ҷавобгӯӣ ва кофӣ будани нашри натиҷаҳои таҳқиқот барои додани дараҷаи илмӣ, тибқи талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, рӯйхати нашрияҳои илмии довталаб мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт.

Рӯйхат иборат аст аз мақолаҳои нашргардида дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ба таври возеҳ ва бо доираи васеи муҳокимаи илмӣ баён шудаанд. Инчунин, мақолаҳои иловагӣ дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва нашрияҳои илмӣ-амалӣ ҷой дода шудаанд, ки ҳамкории илмию амалии таҳқиқотро таъкид менамоянд.

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 29 мақолаи илмӣ, ки аз он 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, дарҷ гардидаанд.

Нашрияҳои пешниҳодшуда дорои рақамҳои ISSN мебошанд ва дар давраи солҳои 2013 то 2025 мунтазам ба нашр расидаанд, ки нишони устувор ва мунтазам будани фаъолияти илмии довталаб мебошад.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии

диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар банди дуюми тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф қайд намудааст, ки «Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таъмини ҳуқуқи гурезаҳо пешниҳод менамоем, ки дар қисми 3 моддаи 16 Конститутсия ҶТ дар баробари шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд низ ҳамроҳ карда шавад». Пешниҳоди мазкур тағйирот ба Конститутсия мебошад, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ як раванди мураккаб аст, вале асоси ҳуқуқии тағйироти мазкур ва зарурияти он возеҳ нишон дода нашудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф мавқеи худро ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия асоснок мекард.

2. Пешниҳодҳои бандҳои 5, 6 ва 8 ба як масъала (м. 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо») бахшида шудааст, аммо аз чӣ бошад, муаллиф онҳоро дар алоҳидагӣ пешкаш намудааст. Хуб мешуд агар муаллиф мавқеи худро оиди ин масъала ҳангоми ҳимояи ошкоро баён менамуд.

3. Дар банди ҳаштуми тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф мухолифати меъёрҳои қонунро дарҷ намуда, аз чӣ сабаб бошад, мавқеи худро нишон надодааст. Мехостем нуктаи назари муаллифро роҷеъ ба ин масъала дониста бошем.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ;

мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Мудири кафедраи фанҳои ҳуқуқии давлатии Донишгоҳи Байнидалатии таҳсилоти олии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Эльназаров Д.Х.**

**Имзои Эльназаров Д.Х. – ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи Байнидалатии таҳсилоти олии (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Исмаилова М.Н.**

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МИНИСТЕРСТВО НАУКИ И ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ
МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ»
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроғаи муқарриз:**
**734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М: Турсунзода, 30**
**Тел.: (992) 37 221-35-50, 227-86-48**
**E-mail:rtsu-1996@mail.ru; p.rektora@mail.ru**
24.11.2025